Ба Шӯрои диссертатсионии
6Д.КАО - 055 дар назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Тақриз**

ба диссертатсияи Солиев Беҳрӯзҷон Назарович оид ба дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ дар мавзӯи "Таҳлили иқтисодӣ - омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ" аз рӯи ихтисоси 08.00.12 "Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор".

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот.**

Дар замони муосир такмил додани усулҳои таҳлили иқтисодӣ омории бозори қарз, аз ҷумла шартҳои дастрасии аҳолӣ, соҳибкорони хурду миёна ва субъектҳои дигари иқтисодиёт ба қарзҳои бонкӣ баҳри татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд. Бахусус ҷиҳати осон намудани дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба воситаи молиявӣ зимни вохуриашон ба кормандони соҳаи молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд гардидааст.

Бояд қайд кард, ки нақши қарзи бонкӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ калон аст, вале муайян кардани шартҳои дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон, инчунин дигар субъектҳои хоҷагӣ ба қарзҳои бонкӣ на танҳо мубрамияти амалии ташкилотҳои бонкӣ, инчунин шарти назарявии таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад. Бахсус, шарти дастрасӣ ба қарзҳои бонкӣ ҳамчун омили рушди иқтисодӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик мусоидат менамояд.

Ба шартҳои дастрасии аҳолӣ, соҳибкорон ва дигар субъектҳои хоҷагӣ ба қарзҳои бонкӣ, сиёсати қарздиҳии ташкилотҳои бонкӣ, вазъияти муосири пардохтпазирии бонкҳо, дараҷаи рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар бозори қарз ва ғайра таъсир мерасонад, ки дар натиҷа ба тағйирёбии талабот ба қарзи бонкӣ мусоидат менамоянд. Бинобар он, барои дастрасии аҳолӣ, соҳибкорон ва дигар субъектҳои хоҷагӣ ба қарзи бонкӣ на танҳо аз рӯи

меъёри фоиз, инчунин аз рӯи доираи васеи нишондиҳандаҳои шартҳои қарздиҳии бонкӣ, бахусус, кам будани пешниҳоди ҳаҷми қарзҳои калон, қонеъ нагардонидани муҳлати истифодаи қарз, таъминоти қарз, талабот ба ҳолатҳои молиявии қарзгир, дер баррасӣ шудани муҳлати қарз ва ғайра муайян карда мешавад. Иттилооти мукамал оид ба қарзгир, қарздиҳанда ва шартҳои додани қарз танҳо ба ташкилотҳои бонкӣ ва қарзгир маълум мебошад. Ҳол он ки барои аксари муҳаққиқон - таҳлилгарон танҳо маълумот оид ба меъёри (миёнаи) фоиз ва ҳаҷми маблағи қарзи бонкӣ дастрас мебошад, ки он барои таҳлили ҳамаҷониба ва самараноки бозори қарз нокифоя мебошад.

Мувофиқакунонии таҳлили ҳисоботи молиявӣ бо омӯзиши индикаторҳои шартҳои қарзи бонкӣ, ки дар худ иттилоотро оид ба тағйирёбии шартҳои ғайринархии шартномаҳои басташуда - ҳаҷми қарз, муҳлати қарз, талаботи бонкҳо ба ҳолати молиявии қарзгирон, таъмини қарз бо гарав ва ғайраро дар бар мегирад, барои дарккунии амиқи равандҳое, ки дар бозори қарз ба вуқӯъ меоянд, мусоидат менамояд. Бахусус, вазнин гардидани талаботҳо ба сифати таъминоти қарз имконияти дастрасии мизоҷро барои гирифтани қарзи бонкӣ маҳдуд менамояд. Кам намудани муҳлати дарозтарини қарз ба таври қатъӣ дастрасии муштариёнро барои гирифтани қарз паст менамояд.

Ҳамин тавр, тавассути истифодаи усулҳои иқтисодию оморӣ ошкор намудани таъсиррасонии нишондиҳандаои шартҳои нархӣ ва ғайринархии қарзӣ бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро баён менамояд.

**Сатҳи асоснокии муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои диссертатсия.**

Заминаҳои назариявию методологти таҳқиқотро асарҳои олимони иқтисодшинос, аз ҷумла оморшиноси хориҷӣ ва ватанӣ, ки ба таҳлили иқтисодӣ - омории шартҳои қарзҳои бонкӣ ва омӯзиши таъсири нишондиҳандаҳои он ба рушди иқтисодиёт машғул шуаанд, асос ёфтааст.

Дар диссертатсия бо мақсади таҳлили шартҳои қарзи бонкӣ аз усулҳои диалектикӣ, риёзӣ, гуруҳбандии аналитикӣ (таҳлилӣ), бузургии миёнаи параболӣ, усули индексӣ, усули корреляциониӣ ва регрессионӣ, усули коэффисиенти таъмини иқтисодиёт бо қарзҳои бонкӣ, нишондиҳандаи бисёраъзои рангаи корреляция (конкордатсия), коэффисиенти корреляцияи рангаи Ч. Спирмэн, дисперсия, модели иқтисодӣ - оморӣ ва барномаҳои муосири омории коркард ва таҳлили маълумот, ба монанди EXCEL ифода шуданд.

**Сохтор ва мундариҷаи кор**

Мақсадҳое, ки муаллиф дар кори диссертатсионӣ гузоштааст ба ҳадафи таҳқиқот мувофиқат мекунад. Сохтори диссертатсия мантиқан дуруст буда ба мундариҷаи таҳқиқот мутобиқат менамояд. Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшавандаи муаллиф аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардашуда ва дақиқ мебошанд. Зеро онҳо ба асосҳои методологӣ, назариявӣ ва маълумотҳои мушоҳидашавии таҳқиқотӣ такя мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт, ки аз 117 номгӯй иборат мебошад, дар маҷмӯъ, дар ҳаҷми 148 саҳифа навишта шудааст. Кори диссертатсионии мазкур аз 1-то нақшa, 9 – то диаграмма ва 23 –то ҷадвал иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян карда шуда, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, ҳадафи таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзӯъ ва масъалаҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, соҳа, ва марҳилаи таҳқиқот, пойгоҳо (базаи) асосии иттилоотӣ ва озмоиши таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ таҳқиқот, ва дигар нуқташои ҳимояшавандаи диссертатсия қайд карда шудаанд.

**Боби якуми дисертатсия “Асосҳои назариявӣ ва методологии тадқиқоти омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ”** ба масъалаҳои зерин: аҳамияти омӯзиши моҳият ва нақши шарти

қарзи бонкӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ, системаи нишондиҳандаҳои омории шартҳои қарзи бонкӣ ва пурсиш ҳамчун манбаи асосии иттилоот барои таҳияи системаи нишондиҳандаҳо ва усулҳои таҳлили шартҳои қарзи бонкӣ бахшида шудааст.

**Боби дуюм "Усулҳои таҳлили таъсири нишондиҳандаҳои омилҳо ба сатҳи таъмини иқтисодиёт бо қарзи бонкӣ"** доир ба услуби махсуси омории таҳлили сатҳ ва динамикаи таъмини иқтисодиёт бо қарзи бонкӣ, модели иқтисодӣ – омории таҳлили омилии таъмини иқтисодиёт бо қарзи бонкӣ ва андозагирии омории таъсири индикаторҳои асосии шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёт бахшида шудааст.

**Боби сеюми диссертатсия "Ташкил ва инкишофи таҳқиқоти омории шартҳои дастрасии қарзи бонкӣ"** ба ташкили таҳқиқоти омории шартҳои дастрасии қарзи бонкӣ, истифодаи индексҳои шартҳои қарзӣ дар таҳлили бозори қарзи бонкӣ ва дурнамои самтҳои рушди таҳқиқоти омории шартҳои қарзи бонкӣ бахшида шудааст.

**Дар хулоса** натиҷаҳо ҷамъбаст гардида, тавсия ва пешниҳодҳои мушаххас барои ҳалли муаммоҳои дар диссертатсия баррасигашта оварда шудаанд.

**Эътимотнокии баёнияҳои илмӣ, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда**

Бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудааст.

**Камбудиҳо ва норасигиҳои диссертатсия:**

1. Дар саҳифаи 26 - и кори диссертатсионӣ қайд шудааст, ки нисбати

низоми нишондиҳандаҳои оморӣ дар параграфи 1.2 сухан меравад. Ҳол он ки тибқи мундариҷаи кор системаи нишондиҳандаҳои омории шартҳои қарзи бонкӣ дар банди 1.3 дарҷ гардидааст.

2. Барои мукаммал гардонидани сарчашмаҳои иттилоотӣ дар банди 1.2 -и кори диссертатсионӣ беҳтар ҳисобида мешавад, ки дар баробари истифодаи тарзи махсуси мушоҳидаи оморӣ, яъне пурсиши оморӣ, инчунин дигар усулҳои мушоҳидаи оморӣ, ба монанди ҳисоботҳои ташкилотҳои бонкӣ, ки тавассути онҳо маълумотҳо доир ба шартҳои қарзи бонкӣ ҷамъоварӣ мешаванд, маълумот дарҷ мегардид.

3. Дар кори диссертатсионӣ қисман ғалатҳои имлоию техникӣ ва таҳрирӣ мавҷуданд. Камбудиҳои дар боло қайдгардида, асосан характери тавсиявӣ дошта ба сифат ва арзиши илмии диссертатсияи иҷрошуда таъсир расонида наметавонанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили диссертатсияи таҳқиқшаванда оид ба дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ дар мавзӯи:"Таҳлили иқтисодӣ - омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ" аз рӯи ихтисоси 08. 00. 12 ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор маълум гардид, ки аз ҷиҳати илмӣ ба талаботҳои КОА -и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Солиев Беҳрӯзҷон Назарович сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсенти кафедраи молия**
**ва қарзи Донишгоҳи (Славянии)**
**Россия ва Тоҷикистон** **Миразизов А. Ҳ.**

Подпись заверяю
Начальник ОК РТСУ
Алиев А. Д.